**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Талаботи замони муосир, рушди босуръати техника ва технологияи иттилоотию иртиботӣ муассисаҳои таълимии кишварро вазифадор менамояд, ки ба тайёр кардани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, таълиму тарбияро тавре ба роҳ монанд, ки шогирдон дониши амиқ, малакаву маҳорати баланд, сифатҳои неки шахсӣ дошта, ба шароити тағйирёбандаи ҳаёт зуд мутобиқ гардида тавонанд. Мавқеашонро дар ҷомеа муайяну устувор намуда, дар дарку ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаётӣ омода бошанд ва шахсе баҳри ҷомеаи фардо зарур ва бунёдкорони ҷомеаи навин ба камол расанд.

Бо ин мақсад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам ҷиҳати пешрафт ва рушди соҳаи маориф тадбирҳои саривақтиву судманд меандешанд. Дар кишвар эълон шудани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” аз ҷумлаи тадбирҳои зикршуда мебошад. Ин иқдом танҳо ба хотири тарғиби навгониҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, рушди маърифати техникӣ, ташаккули салоҳиятҳои математикиву физикии хонандагон дар дарс ва корҳои беруназдарсии математикӣ, вусъати ихтироъкорӣ миёни наврасону ҷавонон мебошад. Татбиқи самарабахши ин тадбир шавқу ҳаваси хонандаро ба омӯзиш афзун намуда, фаъолияти эҷодию маърифатҷӯии ӯро вусъат мебахшад.

Вобаста ба ин омӯзгоронро зарур аст, ки ба ҳамгироии фанҳои таълимӣ ва татбиқи робитаи байнифанни диққати ҷиддӣ диҳанд. Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои

ибтидоӣ ва баъдтар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар муайян кардани робитаҳои фаннӣ, дар ин замина татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал душворӣ мекашанд. Чун таҳкурсии таълим ва тарбия синфи ибтидоӣ маҳсуб меёбад, омӯзгорон бояд ба рушди мустақилияти фикрии хонандаи хурдсол диққати махсус дода, ӯро барои мустақилона омӯхтани фанҳо раҳнамоӣ кунанд, то ки шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиш бештар гардида, маърифаташон оид ба фанҳои табиӣ-математикӣ рушд кунад.

Аз ин рӯ, омӯзгоронро мебояд ба методикаи ташкилу гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ ва дарсҳои амалӣ таваҷҷуҳ намуда, аснои таълими математика ба хонандагон робитаи фанҳоро мушаххас карда, ба ин васила донишҳои одитарини физикиро миёни онҳо ташаккул диҳанд ва қобилияти маърифатӣ, маҳорат ва малакаҳои амалиашонро равнақ бахшанд.

Диссертант зимни таҳқиқ муайян сохтааст, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои зикршуда дар раванди таълим бояд ба амалисозии тамоили ҳамгироӣ, ки робитаи байнифанниро ифода менамояд, бештар кор гирифт, ки он омили асосии муттаҳидсозӣ ва ташаккулдиҳандаи мазмуну сохтори фанҳои таълимӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур аз ошкор сохтан ва коркарди роҳу равишҳои ташаккули шавқу ҳавас, маърифати хонандагони синфҳои ибтидоӣ иборат аст. Пешниҳод мегардад, ки ҳангоми омӯзиши фанни математика ба хонандагон робитаи фанҳои табиатшиносиро омӯзонда, алоқамандии фанҳои мазкурро ба онҳо нишон диҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 177 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули донишҳои одитарини физикӣ мавриди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» ном дошта, дар ин замина асосҳои назариявии

амалисозии робитаи байни фанҳои табиӣ дар мактаб ва имконияти ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагон дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таълимӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ равшан намудааст, ки ҳамгироии фаннӣ ҳамчун воситаи муҳимми таълим ба рушди дониши хонанда мусоидат карда, бояд фақат донишҳои андӯхташавандаро ба низоми ягона муттаҳид созад, на ин ки ба таълими анъанавии фанҳои таълимӣ иваз намояд. Аз ин рӯ, воситаи асосии амалисозии тамоили ҳамгироӣ ин роҳандозии робитаи байнифаннӣ ба шумор рафта, омили ташаккули донишҳо мазмун ва сохтори фанҳои таълимӣ мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқ донишҳои одитарини физикии хонандагонро дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ метавон бо роҳи афзун намудани шавқу ҳаваси онҳо ба фанҳои табиӣ ташаккул дод.

Боби дуюми диссертатсия "Хусусиятҳои методии ташаккули донишҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ" унвон дошта, зимни он коркарди методикаи ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфии мазмуни физикидошта ҳамчун воситаи ташаккули шавқу ҳаваси хонандагони хурдсол ба фанни физика таҳқиқ шудааст.

Диссертант муайян кардааст, ки методикаи ташаккули шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз шаклҳои асосии ташкили раванди таълим, ки боиси рушди низоми донишҳои заминавӣ (азбар кардани мафҳумҳо, қоидаҳо хулосаҳо, таърифҳо) мегарданд, ин ташкили дарсҳои ҳамгиро мебошад. Максади асосии чунин дарсҳо омодасозии хонандагон ба дарк, фаҳмиш ва шарҳи асос ва қонунҳои фанҳои табиӣ мебошад. Аз ин рӯ, сохтори ин дарсҳо бояд ба талаботи зерин: ҳадафи таълимӣ дошта, ба дарки пурраи фанни

омӯхташаванда, объект ва ҳодисаҳо мусоидат кунанд, ҳаҷми он ба маводи омӯзиш ва истифодаи усули муосири таълим, ки ба ҳалли ҳадафҳои таълимӣ заруранд, ҷавобгӯ бошад.

Аз ин рӯ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ метавонанд шавку ҳаваси хонандагонро ба фанҳои табиӣ дар ҷараёни дарс тавассути ташкил намудани машғулиятҳои робитаи байнифаннӣ, гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ аз математика ва ташкил намудани машғулиятҳои амалӣ аз фанни табиатшиносӣ ба роҳ монанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳкикот дар муайяннамоии меъёрҳои ташаккули донишҳои одитарини физикӣ ва роҳҳои баланд бардоштани шавку ҳаваси хонандагон ба фанни физика, коркарди равиши ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки аз ҷониби муҳаккиқ муайян шудааст, ифода меёбад Ин натиҷаро метавон чун раҳнамо дар омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода кард.

Тасдики натиҷаҳои таҳкикот бо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисола бо иштироки муаллиф дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф баррасӣ шудаанд.

Бо гузаронидани таҳкикоти илмӣ унвонҷӯ ба навгониҳои илмии таҳкикоти зерин ноил гардидааст:

- мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикиро дар синфҳои ибтидоӣ дакик намудааст;

- заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни таълими математика ошкор намудааст;

- роҳу усули самарабахши ташаккули донишҳои одитарини физикиро дар раванди дарс ва корҳои беруназсинфӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи афзуннамоии шавку ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика муайян кардааст.

Диссертант Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар раванди таҳлили маводи зиёду пурарзиши илмӣ барои эътимодбахшӣ ба андешаронии хеш ба осори таҳқиқию таҳлилии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маводи гирдовардааш иқтибосҳо оварда, бо далелҳо собит кардааст. Таъкид кардан бамаврид аст, ки ҷанбаи илмии диссертатсия қавӣ буда, муаллифи он бо такя ба пажуҳишҳои анҷомдодааш дуруст хулосабарорӣ кардааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои ҳарчи самаранок ба роҳ мондани таълими математика дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллифи диссертатсия чунин таклифу пешниҳод кардааст, ки қобили дастгирианд. Аз ҷумла,

- дар тавзеҳоти барномаи таълими синфҳои ибтидоӣ нишон додани зарурати ташкил намудани шаклҳо ва равишҳои гуногуни фаъолиятҳо оид ба ташаккул додани шавку ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанҳои табиӣ-математикӣ ва омода намудани онҳо ба омӯзиши силсилавии ин фанҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ;

- таҳияи дастурҳои муосири методӣ оид ба таълими математика, методикаи таълими он ва дар раванди таълиму муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил кардани барномаи таълмии мактабии фанҳои табиӣ-математикӣ мебошад.

Дар рисола дар баробари дастоварду натиҷаҳои назаррас баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам баланд шудани сатҳу сифати диссертатся мегардад:

1.Хуб мебуд, агар аснои таҳқиқот адабиёти таълимӣ, илмӣ ва методии муаллифони тоҷик бисёртар таҳлил мегардид.

2.Хуб мешуд агар, муҳаққиқ бештар ба равишҳои муосири ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ аз фанҳои математика ва табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳ мекард.

3.Мувофиқ ба мақсад мебуд агар, диссертант равишҳои ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибитдоиро дар дарсҳои математика дар шакли дастури методӣ пешниҳод мекард.

4. Дар омоданамоии ҷадвалхо ва услуби навиштани феҳристи адабиёт хатогии техникӣ баназар мерасад. Ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд.

5.Дар диссертатсия ва авторефератн он хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд таъкид кард, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба мазмун ва арзиши илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ пурра ба мазмуни диссертатсия мувофиқат карда, мундариҷаи онро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хӯҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои оддитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ кори мустақилонаи илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки ба бандҳои 31-35, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200- Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Такриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, Туронов Султонмурод Шарофович тартиб дода шуда, дар ҷаласаи васеи шуъбаи

фанҳои табиию риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигориву такмили стандарт, барнома ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, ба тариқи овоздиҳии кушода аз тарафи кулли аъзоёни кафедра қабул ва бо қарори №7 аз 29 майи соли 2023 тасдиқ шудааст.

Номзади илмҳои педагогӣ, муовини
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: С. Туронов

Котиби ҷаласа, ходими калони илмии шуъбаи
фанҳои табию риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва
бознигориву такмили стандарт, барнома ва
китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон: Г. Каримзода

Маълумот барои тамос.
Тел.: 225 84 04,
**Почтаи электронӣ**: e-mail: prmatt@maorif.tj,URL: www. prmatt.tj.
Телефон: (+992) 905 054 151

Имзои С. Туронов ва Г. Каримзодаро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузори Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: Х. Ҳакимова